# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Шоҳин Нуриддин дар мавзуи «Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08– ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (Душанбе, 2019).**

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 боиси ба вуқуъ пайвастани таҳаввулотҳои азим ва дигаргуниҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат гардид. Маҳз аз шарофати Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши савдои беруна ва ҷалби шумораи зиёди субъектҳои хоҷагидорӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин замина, густариши муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон кишварҳои хориҷӣ сатҳу сифати навро касб намуда, низоми ташаккули иқтисодӣ дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ гардид. Дар баробари паҳлуҳои мусбати инкишофи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, ҳамзамон падидаҳои манфие низ зуҳур карданд, ки ба амнияти иқтисодӣ ва фаъолияти молиявии давлат таҳдиду хатарҳои воқеиро рӯйи кор оварданд. Аз ҷумла, дар солҳои аввали соҳибихтиёрии давлатӣ тамоюли зиёдшавии ҷиноятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла қочоқ ба назар мерасид. Ин ҳолат зарурияти аз ҷониби давлат андешидани тадбирҳои мақсаднок ва муассирро дар самти такмили қонунгузории амалкунандаи кишвар бо мақсади пешгирӣ ва муқовимат ба кирдорҳои нави ҷиноятӣ ба миён овард. Дар умум, омилҳои мазкур боис гардиданд, ки қонунгузории ҷиноятии кишвар такмил дода шуда, он ба шароити нави иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии кишвар мутобиқ гардонда шавад.

Рисолаи диссертатсионии тақризшаванда, ки аз ҷониби Саидзода Ш.Н. пешниҳод гардидааст, ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти ҳуқуқии замони муосир-«Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ» бахшида шудааст. Нуктахои илмие, ки дар кори диссертатсионӣ пешкаш карда шудаанд бо дарназардошти сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии кишвар, пайомадҳои манфии раванди

ҷаҳонишавӣ, вазъи бухронҳои иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, номукаммал будани заминаҳои меъёрӣ ва афзоиши навъи зикршудаи фаъолияти ҷиноятӣ дар ҳудуди ҶТ асоснок карда мешавад. Омӯзиши чунин проблемаҳо метавонанд дар оянда заминаи таҳлили илмии муқовимат бо қочоқ ва дигар ҷиноятҳои иқтисодиро дар Тоҷикистон фароҳам созад.

Дар маҷмӯъ ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия аз нуқтаи назари илмӣ мукаммал буда, ҳамчун саҳми шахсии Саидзода Ш.Н., дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология арзёбӣ мегардад. Рисолаи диссертасионии тақризшванда дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон аз ҷониби Саидзода Ш.Н. дар асоси маводи васеи илмию амалии судию тафтишотӣ ба таври комплексӣ таҳлил шудааст ва барои мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти муқовимат бо қочоқ равона карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Ш.Н., дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ паҳлуҳои норушан ва баҳснокро соҳиб аст. Аз ҷумла:

1.Муаллифи рисола таърихи рушди қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқро таҳлил намуда, асосан ба давраи Шуравӣ аҳамияти худро равон намудааст. Ҳол он, ки қочоқ чун падидаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар даврони то Шуравӣ низ мавҷуд буда, тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди ҷавобгарӣ қарор мегирифт. Бинобар ин, муаллифро зарур аст, ки оид ба паҳлуҳои то даврони Шуравии инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ фикру ақидаи худро дар ҳимоя изҳор намояд.

2. Дар банди 6-и нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва мушаххас гардонидани объектҳое, ки ба онҳо таҷовузи ҷиноятӣ дар натиҷаи содир намудани қочоқ равон карда мешаванд, пешниҳод менамояд, ки ба КҶ тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шавад. Аммо чунин таклифҳо ба фикри мо нопурра ва яктарафа аст. Чунки баъзе аз кишварҳое, ки чунин ақидаро амалӣ сохтаанд, боз ба варианти мутаҳид намудани ҳамаи шаклҳои қочоқ, новобаста аз предми он баргаштаанд. Зарур аст, ки

муаллиф тақсим намудани ҷинояти қочоқро бо дарназардошти предмети он асоснок намояд.

Новобаста аз ин, эродҳои зикршуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Чунки муаллиф мақсадҳои дар наздаш гузоштаро илман асоснок намуда, тавонистааст рисолаи илмии дорои хусусияти комплексиро, ки фарогири тамоми доираи проблемаҳои муқовимат барои қочоқ аз рӯи мавзӯъ мебошанд, омода намуда, паҳлуҳои алоҳидаи онро ошкор созад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд ва муаллифи он Саидзода Шоҳин Нуриддин ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология: ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор аст.

**Муқарриз:**
**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи гумрук ва**
**муқовимат бо коррупсияи**
**Донишкадаи соҳибкорӣ ва**
**хизмати Ҷумҳурии Тоҷикистон** Т.М. Ғайратов

Имзои н.и.ҳ., дотсент Ғайратов Т.М.-ро тасдиқ мекунам.
М. Вазиров–сардори ШК ДСХ